***Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14)***

***ТАҚРИЗ***

*ба автореферати диссертатсияи Сафаров Сайфулло Зикрилоевич дар мавзуи «Такмили механизмҳо ва низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.*

Дар шароити муосир таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ яке аз қисмҳои асосии рушди иқтисоди миллӣ маҳсуб меёбад. Аз таҳқиқи имрузаи бозори хизматрасониҳои бонкӣ, бахусус тағйирёбии пайвастаи муҳити молиявӣ бар меояд, ки бонкҳо ҳамчун муҳаррики асосии гардиши сармоя накши калидиро мебозанд. Махсусан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки низоми бонкӣ ҳанӯз дар марҳалаи рушди устувор қарор дорад, масъалаи такмили механизмҳо ва низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ аҳамияти аввалиндараҷаро пайдо кардааст.

Таҳлили вазъи имрузаи низоми бонкӣ дар мамлакат нишон медиҳад, ки ҳанӯз як қатор мушкилоти ҳалношуда, аз ҷумла сатҳи пасти сармоягузорӣ, баланд будани саҳми қарзҳои носолим, кифоя набудани идоракунии хавфҳо, маҳдуд будани дастрасӣ ба технологияҳои ҳозиразамони молиявӣ ва паст будани боварии мардум ба бонкҳо боқӣ мондааст. Ин омилҳое ҳастанд, ки устувории молиявии бонкҳоро зери хатари ҷиддӣ қарор дода, метавонанд ба амнияти молиявии ҷумҳурӣ таъсири манфӣ расонад.

Аз ин рӯ, ин ва дигар масъалаҳои ҳалталаби самти низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ мубрамии мавзуи интихобкардаи Сафаров С.З.-ро муайян намуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро дар бар мегирад.

Яке аз нуктаҳои асосие, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ба ҳимоя пешниҳод намудааст, ин консепсияи муаллифӣ оид ба низоми идоракунии

устувории молиявӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ мебошад. Аз нигоҳи муаллиф, системаи идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ин раванди динамикии мутобиқсозии пайвастаи бонк бо муҳити тағйирёбанда бо мақсади кам кардани хавфҳо ва таъмини қобилияти дарозмуддати пардохтпазирӣ мебошад.

Муаллиф дар асоси омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ маҷмуи тадбирҳо оид ба таҳкими устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ пешниҳод намудааст, ки такмили низоми суғуртаи пасандозҳо, рушди бозори байнибонкӣ тавассути ташкили низоми самараноки клиринг ва ҳисоббаробаркунӣ ва ҳавасмандгардонии қарздиҳии байнибонкӣ, унсурҳои асосии ташаккул ва рушди бозори саҳҳомӣ, инчунин барномаҳои таълимӣ ва ширкатҳои иттилоотӣ барои баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолиро дар назар дорад.

Дар натиҷаи ҷамъбасти адабиёти соҳавӣ, аз ҷониби муаллиф усулҳои таҳлили илмӣ, ки ҳангоми таҳлили устувории молиявӣ истифода мешаванд, дар шакли расм таҳия ва пешниҳод гардидааст, ки ин қобили дастгири мебошад (расми 1, саҳ. 14). Маврид ба зикр аст, ки таҳлили устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ воситаи муҳим барои қабули қарорҳои огоҳонаи идоракунӣ мебошад. Вобаста ба ин довталаб қайд мекунад, ки ин таҳлил имконият медиҳад, вазъи кунунии бонкҳо арзёбӣ гардида, мушкилоти эҳтимолӣ муайян ва барои ҳалли онҳо чораҳои муассир андешида шаванд.

Илова бар ин, диссертант усулҳоиояндабинии устувории молиявии бонкро дар ҷадвали 4-и автореферат (саҳ.14-15) тартиб дода чунин хулоса намудааст, киояндабинии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ раванди давомдорест, ки такмили доимии методология ва ба назар гирифтани омилҳои навро талаб мекунад. Вобаста ба ин, равиши маҷмӯӣ, ки усулҳои оморӣ, коршиносӣ ва эҳтимолиро дар бар мегирад, имкон медиҳад, ки дақиқии пешгӯиҳо баланд бардошта шавад ва қарорҳои оқилонаи идоракунӣ қабул карда шаванд. Хулосаи дар диссертатсия пешниҳодшуда дар сатҳи зарурӣ асоснок карда шудаанд ва дорои арзиши илмӣ ва аҳамияти амалӣ мебошанд.

Дар баробари бартариятҳои болозикр дар автореферати диссертатсия ҳамзамон хубтар мешуд, агар муаллиф пешниҳоди зеринро ба инобат мегирифт: «Гарчанде тавсияҳо оид ба такмили механизмҳои идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ пешниҳод шудааст, вале далелҳои мустаҳками оморӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд». Инчунин, дар автореферат натиҷаи зарурияти идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи пурра баҳо дода нашудааст. Новобаста аз ин эродҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, ба сифат ва натиҷагрии диссертатсияи анҷомдодашуда, таъсири манфӣ намерасонад.

Самти илмии диссертатсия ба бандҳои Шиносномаи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пурра мувофиқат менамояд.

Аз арзёбии автореферат ба хулоса омадан мумкин аст, ки диссертатсияи тақризшаванда дар мавзуи «Такмили механизмҳо ва низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба таври мустақилона анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгуи талаботи бандҳои 31-35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст. Бинобар ин, муаллиф Сафаров Сайфулло Зикрилоевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи молияи Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Раҷабов Р. К.

Имзои Раҷабов Р.К.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

**Адрес:** 734061, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Дехоти, 1/2
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
Телефон: +(992) 93-444-41-07, E-mail: drrajab@mail.ru